Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-018 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)

# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Сатториён Алишер Ҳамидзода дар мавзуи "Муаммоҳои танзими ҳуқуқи-граждании хизматрасонии риэлторӣ дар бозори молу мулки ғайриманқул дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: ҷанбаҳои назариявӣ ва амалӣ" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; Ҳуқуқи соҳибкорӣ; Ҳуқуқи оилавӣ; Ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ пешниҳод гардидааст.

Дар ҷомеаи муосири тоҷик баробари рушди иқтисоди бозорӣ яке аз намудҳои нави фаъолият ба сифати риэлторӣ рӯйи кор омадаанд, ки он байни ашхоси ҳуқуқӣ ва воқеӣ кори хизматрасониро ҳамчун миёнрав ё риэлтор иҷро менамояд, ки он яке аз масоили муҳимми рӯз ва талаботи ҷомеаи имрӯза ба ҳисоб меравад.

Диссертант бо дарки муҳиммияти масъала ва таҳлили таҷрибаи ҷомеаҳои муосир ба таҳқиқи илмии муаммоҳои танзими ҳуқуқи-граждании хизматрасонии риэлторӣ дар бозори молу мулки ғайриманқул дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии он дар замони муосир рӯ оварда, роҳҳои ҳалли онро бо далелҳои мушаххас ва муқоиса ба риштаи таҳқиқ кашидааст. Аз ҷумла, зикр медорад, ки "Рӯйи кор омадани муаммоҳои алоқаманд ба мафҳум, моҳият ва табиати ҳуқуқии фаъолияти риэлторӣ, хусусияти шартномаҳои ҳуқуқи-мадании басташаванда, хизматрасониҳои аз тарафи риэлторон пешниҳодшаванда замоне ба таври назаррас мушоҳида мешаванд, ки дар Тоҷикистон, бахусус, дар минтақаҳои алоҳидаи он, ба монанди шаҳрҳои Душанбе, Хуҷанд, Бохтар, Ҳисор, рушди бомайлони

бозори молу мулки ғайриманқул дар намуди сохта ба истифода додани биноҳои истиқоматии баландошёна рӯйи кор омадааст".

Равшан аст, ки ҳарчанд ин таҷриба ва решаҳои таърихии он дар мамолики хориҷӣ ба назар мерасад, аммо, муҳиммияти ин мавзуъ ва ҷорӣ гардидани он дар замони давлатдории Тоҷикистони соҳибистиқлол вобаста ба талаботу ниёзи ҷамеа хеле саривақтӣ ба ҳисоб меравад.

Муҳаққиқ дар мубрамияти мавзуъ фаъолияти риэлториро ба замони соҳибистиқлолии Тоҷикистон рабт дода, рушди устуворонаи онро пас аз такмил ва мустаҳкам намудани заминаҳои ҳуқуқии танзимкунандаи он маънидод менамояд. Ба андешаи диссератант муаммоҳои ҳуқуқи алоқаманд ба фаъолияти риэлторӣ ба таври комил ҳалли худро наёфтааст ва зарурат ба таҳияву қабули қонуни соҳавии танзимкунандаи фаъолияти риэлторӣ мебошад.

Далелҳои илмӣ ва асоснокии натиҷаҳо дар асоси усулҳои муосири таҳқиқоти ҳуқуқӣ ба таври мантиқӣ ва далелҳои муътамад асоснок шуда, таҳлили дақиқи натиҷаҳо исботи эътимоднокии хулосаҳои муаллиф ба ҳисоб меравад.

Автореферати диссертатсия баёнгари он аст, ки рисолаи илмӣ аз номгӯйи ихтисораҳо ва (ё) аломатҳои шартӣ, муқаддима, се боб, шаш зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, рӯйхати адабиёт (маъхазҳо) ва феҳристи интишороти илмии довталаби дараҷаи илмӣ иборат буда, ҳаҷми умумии он 168 саҳифаи чопиро ташкил медиҳад.

Дар хулосаи кори илмӣ натиҷаҳои асосии илмии тадқиқот ва тавсияҳо оид ба истифодаи амалии тадқиқот оварда шудаанд.

Дар баробари мавҷуд будани муваффақиятҳои илмӣ дар автореферат баъзе аз камэътиборӣ, ки арзиши илмии рисоларо коста намегардонад, ба назар мерасад. Чунончи:

1. Дар диссертатсия таълифоти олимони хориҷӣ зиёдтар истифода шуда, асарҳои илмии донишмандони тоҷик кам мавриди таваҷҷуҳ қарор

гирифтааст, ки дар феҳристи адабиёту манбаъҳои илмӣ низ олимони ватанӣ ва осори илмии онҳо кам ҷой дода шудаанд.

2. Ба мушоҳида расидани баъзе аз ҷумлаҳои тӯлонӣ.

Камбудиҳои мавҷуда ба мазмун ва муҳтавои диссертатсия таъсир расонида наметавонанд, зеро натиҷаҳои кори илмӣ заминаҳои назариявӣ ва амалӣ дошта, аҳаммияти муҳимми ҳуқуқиро соҳиб мебошад. Аз рӯи мазмун ва мундариҷа диссертатсия кори илмии баанҷомрасида маҳсуб ёфта, дар назария ва амалияи илми ҳуқуқшиносӣ ҳиссаи худро гузошта метавонад.

Бо назардошти нукоти зикршуда диссертатсияи Сатториён Алишер Ҳамидзода дар мавзуи "Муаммоҳои танзими ҳуқуқи-граждании хизматрасонии риэлторӣ дар бозори молу мулки ғайриманқул дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: ҷанбаҳои назариявӣ ва амалӣ" кори илмии баанҷомрасида ва ҷавобгӯ ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба навиштани рисолаҳои номзадӣ аз руйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; Ҳуқуқи соҳибкорӣ; Ҳуқуқи оилавӣ; Ҳуқуқи ҳисобида, манзури онро барои дифоъ мувофиқи мақсад меҳисобам.

**Тақриздиҳанда:**
Номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент,
Ректори Донишкадаи омӯзгории
Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт **Раҷабзода М.Н.**

Имзои Раҷабзода М.Н.-ро тасдиқ менамоям:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсус **Шодизода Н.М.**
"15" 08 соли 2025

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон,
Муассисаи давлатии таълимии
"Донишгоҳи омӯзгории Тоҷикистон
дар ноҳияи Рашт",
735450, ноҳияи Рашт, шаҳраки Ғарм, кӯчаи Э.Муҳиддин 63.
Тел: (8) 313121; факс (8) 313112103
Email: dot.rasht@mail.ru